БОҚӢ РАҲИМЗОДА

# РӮБОҲ ВА ПАЛАНГ

*(Афсона барои хурдсолон)*

Душанбе,
«Адиб»
2016

ББК 84 тоҷик 7-5
Р – 45

Муҳаррир *Зиё Абдулло*

Ороиши *О.Шемелина*

Р– 45 **Боқӣ Раҳимзода. Рӯбоҳ ва паланг** *(афсона барои хурдсолон)*.
– Душанбе, «Адиб». 2016, 8 саҳ.

ISBN 978-99947-2-449-9

© Нашриёти «Адиб» 2016



# РӮБОҲ ВА ПАЛАНГ

Буд набуд як паланге
Бо як рӯбоҳи ланге,
Дар як беша ҷо доштанд,
Бо ҳам муросо доштанд.
Якҷоя кор мекарданд,
Ҳарду шикор мекарданд,

Вақти шикор ҳамеша
Рӯбоҳи пурандеша,
Ҳилла мекарду найранг,
Пеш мегардид аз паланг.
Сайде агар шуд пайдо,
Рӯбоҳ истода дар ҷо,
Думашро меҷунбонид,
Палангро мефаҳмонид.
Паланг, ки наздик омад,
Ба ғурридан даромад,
Рӯбоҳ мегуфт: – Андак ист,
Акнун пашму ёлат хест,
Чашмат сурху ало шуд,
Думу гӯшат боло шуд,
Дандонҳоро ханҷар кун,
Акнун ҳуҷумро сар кун!
Паланг ҳам тайёр мешуд,
Дар иҷрои кор мешуд,
Аввал мекард ӯ маҳмез,
Пас якбора мезад хез,
Сайдашро мехобонид,
Дилашро медарронид,
Баъд якҷоя мехӯрданд,
Ба хона ҳам мебурданд.
Гурбае бо як харгӯш
Мекофтанд хонаи муш,
Ногаҳ ғавғо шуниданд,
Палангу рӯбоҳ диданд,
Кофтанашонро монданд,
Пинҳон шуда гӯш доданд.
Гапҳошонро шуниданд,
Шикорашонро диданд.
Гурба гуфто ба харгӯш:
– Ҳамаашро гир дар гӯш!
Диди̅ рӯбоҳи лангро,



Чиҳо мегуфт палангро,
Палангро ӯ далер кард,
Ӯро чӣ гуна шер кард.
Аммо ту бошӣ, харгӯш,
Аз қафои ман хомӯш,
Лиқинг - лиқинг мегардӣ,
Росташ, ҷӯра, номардӣ.
Акнун дигар дар беша
Пеш рав аз ман ҳамеша.
Ҳар сайдеро, ки дидӣ,
Ё овозаш шунидӣ,
Даррав хабардорам кун,
Чун рӯбоҳ ҳушёрам кун!
Дидӣ, мисли палангам,
Тезтар аз ӯст чангам,
Зӯрам беш аз паланг аст,
Паланг наздам гаранг аст…
Аввали моҳи Наврӯз,
Харгӯшу гурба як рӯз
Сӯи саҳро давиданд,
Ба бешае расиданд.
Ногаҳ ба чашми онон
Як тойча шуд намоён.
Гурба гуфт: – Дар ҷоят ист,
Канӣ бин, ёли ман хест?
Чашмам сурху ало шуд?
Думам андак боло шуд?
Харгӯш гуфто: – Не, тақсир,
Наёфтед ҳоло тағйир.
Гурба гуфто: – Шав хомӯш!
Падарлаънати беҳуш!
Набошад монанди муш
Мехӯрамат, эй харгӯш!
Харгӯш гуфто: – Мебахшед!
(Меларзид монанди бед.)

Андак чашмам хира шуд,
Пеши поям тира шуд,
Шояд тарсида мондам,
Рӯтон надида мондам.
Ана, думтон боло шуд,
Чашматон ҳам ало шуд,
Дандонҳотон шуд ханҷар,
Зуд ҳуҷумро кунед сар!
Гурба гуфто: – Тайёрам,
Ҷонашро мебарорам!
Ин зӯри бозуямро
Овоза кун дар дунё!
Ногаҳ давиду парид,
Дар думи тойча часпид,
Той, ки ҷаҳид аз ҷояш,
Гурба афтид дар пояш.
Баъд аз он тойи ширмаст,
Бо тамоми зӯру шаст
Гурбаро мисли тӯб кард,
Тоза ҳам лағадкӯб кард.
Харгӯш гуфто зери лаб,
Аҷоиб шуд, воаҷаб,
Паҳлавон зери по шуд,
Ана, думаш боло шуд!



**Б О Қ Ӣ  Р А Ҳ И М З О Д А**

# РӮБОҲ ВА ПАЛАНГ

*(Афсона барои хурдсолон)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*
Ҳуруфчин *Лола Юсуфова*

Ба матбаа 20.06.2016 супорида шуд.
Чопаш 22.06.2016 ба имзо расид. Андоза 60х84 1/8.
Ҷузъи чопӣ 1. Адади нашр 2000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а

Дар КВД КТН «Шарқи Озод» чоп шудааст.